***ТДУ 002***
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-1-80-86***

***БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА МУСОҲИБАҲОИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ***

***Раҷабов Боҳир Мукаммилович****, н.и.ф., дотсенти кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***НЕКОТОРЫЕ РАЗМЫШЛЕНИЯ ОБ ИНТЕРВЬЮ С ЛОИКОМ ШЕРАЛИ***

***Раджабов Бохир Мукаммилович****, к.ф.н., доцент кафедры современной таджикской литературы ГОУ «ХГУ имени акад.Б. Гафурова», (Таджикистан, Худжанд)*

***CONCERNED WITH INTERVIEWS WITH LOIQ SHERALI***

***Rajabov Bohir Mukammilovich****, candidate of philological sciences, Associate Professor under the SEI "Khujand State University named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan,Khujand),*
***E-mail:*** *bohir-1988@mail.ru.*

***Вожаҳои калидӣ :*** *Лоиқ Шералӣ, сӯҳбатҳои адабӣ, мусоҳиба, жанр, таърихи матбуот, нақди адабӣ*

*Мақола фарогири мусоҳибаву муколамаҳои Шоири халқии Тоҷикистон, суханвари маъруфи нимаи дувуми садаи XX устод Лоиқ Шералӣ (1941-2000) буда, дар он масъалаҳои адабиёт, нақди адабӣ, нақди нависандагӣ, қазияи худшиносиву худогоҳии таърихӣ, тозагии муҳити маънавӣ, гиромидошти муқаддасоти миллӣ, аз ҷумла забони тоҷикӣ, ҳифзи ёдгориҳои моддиву маънавии гузашта мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Собит шудааст, ки суҳбатҳои адибону олимон ва рӯзноманигорон бо шоир Лоиқ Шералӣ барои муайян кардани моҳияти замон, масъалаҳои адабиёт ва сайри таҳаввули фаъолияти эҷодии номбурда заминаи мусоид фароҳам меоварад. Умуман мусоҳибаҳои устодони сухан ва ноқидони адаб ба баррасии арзишҳои каломи бадеъ ва нақду сухансанҷӣ кӯмак менамояд.*

***Ключевые слова:*** *Лоик Шерали, литературные беседы, интервью, жанр, история прессы, литературная критика*

*Статья посвящена изучению и анализу интервью и бесед с Народным поэтом Таджикистана, известным представителем таджикской литературы XX века Лоиком Шерали (1941-2000). В них отображены вопросы литературы, литературной и писательской критики, проблемы исторического самосознания, чистоты духовной среды, уважения к национальным святыням, в частности к таджикскому языку, сохранения духовных и материальных памятников прошлого. Доказывается, что беседы литераторов, ученых и журналистов с Лоиком Шерали создают благоприятную основу для определения сути времени, освещения вопросов литературы и изучения особенностей творчества поэта. В целом, интервью с мастерами слова способствуют выявлению особенностей литературных произведений и рассмотрению вопросов литературной критики.*

***Key words:*** *Loiq Sherlai, literary conversations, interview, genre, press history, literary critique*

*The article under consideration dwells on interviews and dialogues by the people`s poet of Tajikistan a famous man-of-letter who lived in the second half of the XX-th century ustod Loiq Sherali (1941-2000) and considers the issues beset with literature, literary and writing critique, historical self-awareness, moral circle accurateness, protection of national symbols, the Tajik language, preservation of material and spiritual monuments of the past inclusive.It is proved that men-of-letters` and scholars` conversations and journalists with Loiq Sherali provide a favorable grounds related to the determination of the essence of time, issues concerning literature and an essay on his creative activity evolution. Generally, interviews with connoisseurs of eloquence, literary critics render to help revealing the values of artistic and critical eloquence.*

Дар журналистика истилоҳи "мусоҳиба" маъмулан маънии гуфтугӯи байни ду нафарро дорад. Баробари ин "мусоҳибаи адабӣ", "мубоҳиса" ё "муколама" ба маънии сӯҳбати ё гуфтугузор адиб, мунаққид ва рӯзноманигор бо шахсияти соҳибноми адабиёту ҳунар дар матбуот, радио ва телевизион низ маъмуланд, ки ҳамчун жанрҳои асосӣ ва маъмулии танқиди адабӣ ва публисистика шинохта шудаанд. Аз ин истилоҳҳо адабиётшинос Соҳиб Табаров наздикии "муколама"-ро бо "мубоҳисаи публисистӣ" таъкид кардааст, ба ин маънӣ, ки муколама хоси танқиди адабӣ ва мубоҳиса махсуси публитсистика мебошад [6,с.120]. Яъне, ин жанрро мунаққидон муколама ва публитсистон мубоҳиса ном додаанд.

Мубоҳиса, муколама, мусоҳиба ва мусоҳибаи адабӣ дар фаҳмиши илмии адабиётшиносӣ “сӯҳбат, музокира, мубодилаи афкори адабиву бадеӣ, фалсафиву эстетикӣ ва гоҳо ҳамчун мубоҳисаву мунозираи байни ду ва ё якчанд ҳамкасб ё наздиккасб оид ба ягон асар ё асарҳои бадеии нав ё эҷодиёти ин ё он нависанда ва ё ягон масъалаву муаммои ҳалталаби адабиёти муосиру гузашта ва дигар паҳлӯву ҷанбаҳои эҷодиву адабӣ” мебошад.

Мусоҳибаи адабӣ ба маънии сӯҳбат бо шахсиятҳои соҳибноми арсаи адаб жанри асосӣ ва маъмулии адабиёт, танқиди адабӣ ва публитсистика аст, ки аз он бо ҷараёни шакл гирифтани афкори сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабии адибон, вежагии шинохти замон ва назари танқидии онон ошно шудан имкон дорад. Маъмулан дар сӯҳбати мунаққид ва нависанда, нависанда ва нависанда, мунаққиду мунаққид муаммоҳои муҳимми эҷоди бадеӣ ба миён меоянд. Имрӯз ин жанри адабию танқидӣ камтар дар доираи назарҳост. Аз ин рӯ, ба таъбири адабиётшинос Абдувалӣ Давронов ба “анъанаи хуби сӯҳбати мунаққид ва мутарҷим, мунаққиду шоир, мунаққиду нависанда, мунаққиди театр ва драматург” [3,с.68] диққат додан муҳим аст, ки дар онҳо ба муаммои мубрами сухан ва суханварӣ метавон бархӯрд. Ин тадбир дар роҳи огоҳ шудан аз нукоти муҳимтарини адабиёт, таҷдиди назар ба ҳаёти гузаштаи адабӣ, вусъат додани завқи шинохти адабиёт ва афкори суханварӣ хеле зарур аст.

Вобаста ба ин матлаб таърихи матбуот ва адабиёти тоҷик шоҳиди силсилаи зиёди мусоҳибаҳост, ки матолиби муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабиро фаро гирифтаанд: сӯҳбатҳои Ҷӯрахон Бақозода бо Фазлиддин Муҳаммадиев, Фотеҳ Абдулло бо Бозор Собир, Аъзам Худойдодов бо Холиқ Мирзозода, Муртазо Зайниддинов бо Воҳид Асрорӣ, Мирбобо Мирраҳим бо Муҳаммадҷон Шакурӣ, Фотеҳ Абдулло бо Мӯъмин Қаноат ва Камол Айнӣ... арзиши баланд доранд[5,с.69]. Баъзе сӯҳбатҳои Сафар Абдулло бо устодони барҷастаи адабиёт, илм ва ҳунар низ, ки дар китоби “Рӯшанoии сухан” фароҳам омадаанд, ки бо завқи хос нигошта шудаанд [1]. Ин пешниҳод муҳим аст, ки “жанреро бо номи сӯҳбатҳои адабӣ дар адабиёти нави тоҷик бояд ривоҷ дод. Ин жанр ҳам ба назм дахл дораду ҳам метавонад паҳлӯҳои гуногуни наср ва анвои адабии дигарро дар бар гирад. Чунин сӯҳбатҳо ҳам барои тарҷума муҳимманду ҳам барои умуман адабиёт лозим. Сӯҳбатҳои Валӣ Самад бо устодон Раҳим Ҳошим ва Сотим Улуғзода, сӯҳбати Сафар Абдулло бо Сотим Улуғзода ва даҳҳо дигар паҳлӯҳои муҳими адабиёти моро фаро мегиранд” [3,с. 68].

Сӯҳбатҳои адибону олимон ва рӯзноманигорон бо шоир ва суханвари маъруфи нимаи дувуми садаи ХХ Лоиқ Шералӣ низ иттилои хеле пурқимат барои муайян кардани моҳияти замон, масъалаҳои адабиёт ва сайри таҳаввули фаъолияти эҷодии номбурда медиҳанд. Ин нукта дуруст аст, ки сатҳу дараҷаи суханварии устодони суханро бештар аз осори бадеии онҳо муайян мекунанд. Баробари ин, мутолиаи дигар анвои таълифоти онҳо – мақола, гузориш, сарсухан, нома, мусоҳиба ва... низ дар омӯзиши роҳҳои такомули эҷодии адибон аҳаммият доранд. Шояд миқдори мусоҳибаҳо бо Л. Шералӣ хеле зиёданд, онҳоро аз васоити ахбори омма метавон ҷамъ кард. Онҳо хонандаи имрӯзро бо ҷанбаҳои мухталифи зиндагии иҷтимоиву маънавӣ ва афкори шоир дар солҳои гуногун ошно месозанд. Ин навиштаҳо ба шинохти паҳлӯҳои кашфношудаи афкори шоир заминаи ҷиддӣ ба вуҷуд меоварад. То имрӯз дар бознашри ин гуна асарҳо баъзе кӯшишҳо дар миён буданд, аз ҷумла дар китоби профессор У. Ғаффоров [2] чанд мусоҳибаи шоир аз матбуот ва бойгонии Телевизиони Тоҷикистон ҷой дода шудаанд, аммо чунин амали хайр бештар бояд сурат гирад. Ахиран бо кӯшиши муаллифи ин сатрҳо маҷмӯаи мусоҳибаҳо ва муколамаҳои Лоиқ ҷамъоварӣ ва чоп гардид [4].

Аз баррасиву таҳлили мусоҳибаҳои Лоиқ маълум гардид, ки қисмати муҳими мусоҳибаҳои шоир ба масъалаҳои забони тоҷикӣ ва нақши он дар ҷомеа, вазъи мақоми давлатӣ ёфтани забони тоҷикӣ, муносибати аҳли ҷомеа ба забони миллӣ, тозаву покиза нигоҳ доштани он бахшида шудаанд, ки онҳоро дар навбати худ ба ду гурӯҳ метавон ҷудо кард: *Гурӯҳи аввал* мусоҳибаҳои тахассусиеанд, ки ба такри ҷудогона ба масъалаҳои мубрами забони тоҷикӣ бахшида шудаанд: “Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад” (1988), “Забондӯстӣ ватандӯстӣ аст” (1989), “Гӯш ба лаҳни Рӯдакӣ диҳем” (1990), “Забон, таърих ва табори муштарак” (1992), “Ҷони халқ” (1991). *Гурӯҳи дувум* мусоҳибаҳоеанд, ки дар онҳо баробари масъалаҳои дигари иҷтимоиву фарҳангӣ, худшиносии милливу таърихӣ ба қазияи забон, арзишҳои забонӣ ва муқаддасоти он низ таваҷҷӯҳи хоса шудааст: “Сӯҳбати орзуҳо” (1987), “Боз як соли ғаму шодӣ гузашт” (1989), “Лоиқ бо Ватану дар ватан мемонад” (1996), “Сӯҳбати марди Худо мардат кунад” (2006) ва ғайра [4].

Аз ин мусоҳибаву сӯҳбатҳо аз афкори суханвар дар мавзӯоти сиёсиву иҷтимоӣ ва адабиву фарҳангӣ ошно мешавем: “Симои Сино” (муҳокимаи достони “Гаҳвораи Сино”-и М. Қаноат, 1980), “Осори солҳо” (мусоҳиба оид ба эҷодиёти шоирони ҷавон, 1981), “Садои Шарқ”-ро ҷаҳон

мешунавад” (1984), “Мы дети своего времени” (1987), “Пешагар комил шавад аз пешагар” (1987), “Дружба не приносит вреда” (1989), “Ба садои дилу имони халқ гӯш бояд дод” (1989), “Ҷадидия ва дурнамои таърих” (1990), “Рӯзгори васли худро ҷӯем” (1990), “Пойтахтро чеҳраи миллӣ мебояд” (1991), “Марде дар роҳи ҷовидон” (1991), “Ишқи Эрон бузург аст” (1991), “Нанг дар домани таърих, хун дар домани миллат…” (1992), “Ахтари саъд ёри мо омад” (1997), “Шоире аз Панҷакент (1997), “Сӯҳбати мардона” (1999) ва ғайра [4].

Аз як силсила мусоҳибаҳо бо шаклгирии афкори сиёсӣ, иҷтимоӣ, адабӣ ва фарҳангии замон, андешаҳои адибон ва назари танқидии онҳо ошно шудан мумкин аст. Дар ин байн мусоҳибаҳои Аскар Ҳаким “Дар қаламрави шеър” (1975), “Шеъре, ки аз дил ба дил мегузарад” (1978), Назокат Олимова ва Додоҷон Атовуллоев “Бигӯям шеър дар тақлиди дарё...” (1979), Додоҷон Атовуллоев “Ҳамосаи шеър” (1984), “Сӯҳбати орзуҳо” (1987), Ҳ. Муҳаммадиев “Шамъ агар оташ набинад” (1988), Азиз Сангин “Боз як соли ғаму шодӣ гузашт…” (1989), Луқмон Қурбон “Ба садои дили халқ гӯш бояд дод” (1989), Ҷамилбой Солеҳ “Ало, шеъри Аҷам, фардо маро ту зинда хоҳӣ дошт” (1991), Акбари Саттор, Ортиқи Қодир, И. Азим, Сайёфи Мизроб “Лоиқ бо ватану дар ватан хоҳад монд” (1996), “Замони шеъргӯӣ нест…” (1999) мақоми хос доранд, ки дар онҳо масъалаҳои мухталифи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар дар солҳои гуногун арзёбӣ шудаанд [4].

Дар паси ҳар сатри ин мусоҳибаҳо афзун ба шоир ва суханвари маҳбуби тоҷик будани Л. Шералӣ чеҳраи асосии ӯ ҳамчун ҷомеашинос, гузоришгари масъалаҳои мухталифи таърихӣ ва қазияҳои ҳалталаби сиёсиву фарҳангӣ, дармонгари дардҳои миллӣ, донандаи хуби саҳифаҳои рангини таърихи халқ, кошифи беҳамтои суннатҳои аҷдодӣ, роздони камназири саҳифаҳои пурбори адабиёти гузаштаву имрӯза ва ғайра намудор мешавад. Мусалламан “Л. Шералӣ дар давраи муассире ба фаъолияти эҷодӣ пардохтааст, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи шӯравӣ майли худшиносӣ ва худсозии таърихӣ мақоми бештар дарёфта буд. Ин аст, ки таълифоти илмиву публитсистии ӯ бо назардошти фарогирии масъалаҳои маънавӣ ва иҷтимоии ҷомеа арзиш дошта, мутолиаи онҳо барои дарки ниёзҳои замон ҷавобгӯанд. Хусусан, замоне, ки адибону мунаққидон ба ҷустуҷӯи бунёди воқеӣ ва ҳаётии ҷомеаи муосир кӯшида, бо ин роҳ, ба ҳаллу фасли масъалаҳои ҷиддии ҷомеа даст ёфтанӣ буданд, андешаҳои Л. Шералӣ ва ҳамнаслонаш барои дарку фаҳмиши мукаммали хусусиятҳои рӯҳиву равонӣ ва маънавии ҷомеаи он замон қимати баланде касб кардаанд” [5,с.70].

Дар мусоҳибаҳои Л. Шералӣ даҳҳо масъалаи ҳаётан муҳими адабиёт ва танқиди адабӣ фароҳам омадааст, ки барои баровардани хулосаи саҳеҳ аз дунёи воқеии адаб, олами ботинии рангини суханвар, дарёфти посух оид ба масоили мухталифи ҳаёти адабӣ, шинохтани коргоҳи эҷоди бадеӣ, шеваҳои накд ва интиқод дар сӯҳбатҳои хоси адабӣ ва ғайра арзишманд аст. Мусоҳибаҳои дигари адабие, ки бо устод Л. Шералӣ сурат гирифтаанд, аз ҳамин ҷиҳат сазовори таҳлилу баррасӣ мебошанд.

Дар мусоҳибаҳое таҳти унвони “Шеъре, ки аз дил ба дил мегузарад”, “Бигӯям шеър дар тақлиди дарё...”, ки ба муносибати сазовор шудани Л. Шералӣ ба Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳия шудааст, оид ба сайри дунёи шоирии мавсуф сухан рафтааст. Аз ҷумла, дар мавриди зикри сарчашмаҳои илҳоми шоир зимни офаридани силсилаи “Илҳом аз “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ сабаби асосии онро аз муҳим будани мавзӯи он – сулҳу бародарӣ ва баробарию озодӣ донистааст. Таваҷҷӯҳи шоири имрӯзро масъалаи сулҳу ҷанг дар замони нав ҷалб кардааст. Ӯ “пешгирии ҷанг, байни одамони сайёраи мо абадӣ барқарор намудани сулҳу амонӣ”-ро вазифаи муҳими шоирону нависандагон ба шумор меоварад.

Шоир аз “Шоҳнома”-хониаш чунин дарак медиҳад: “Шоҳнома”-ро пештар пароканда-пароканда мутолиа карда будам, баъд онро батартиб хондам ва аз даст гузошта натавонистам. Хулоса, ин достони қаҳрамониро чанд бор мутолиа кардам ва чунин дарёфтам, ки қаҳрамонони он дар сафи мо қадам мезананд. Аз тарафи дигар, ба назарам аз номи қаҳрамонони таърих сухан гуфтан пуртаъсиртар аст ва чун Кова, ки барои ҳифзи писари ҳаждаҳумаш дирафш баланд мекунад, баҳри наҷоти инсоният аз даҳшатҳои ҷанг дирафши амониро боз ҳам боло кардан хеле зарур аст.

Ватанпарвариро аз Фирдавсӣ омӯхтан, ба дигарон гӯшрас кардан кори муҳим мебошад” [4,с. 26-27].

Дар он замон “камтар олиму адиб ва қаламкаше, ки худро зиёӣ медонист, ин асарро хонда ва бо ин шоҳасар шиносоии комил дошт” [4,с. 26-27].Ба ин маънӣ, шоир аз зумраи нафарони камшуморест, ки “Шоҳнома”-и Фирдавсиро комилан фаро гирифта буд. Файласуфи тоҷик Акбари Турсун аз байни зиёиёни шӯравии тоҷик Л. Шералиро ситоиш карда буд, ки “Шоҳнома”-ро сар то по, бо қалам хондааст. Дар мусоҳиба ба тарбияи шоирони ҷавон ва

эҷоди адабии онҳо таваҷҷӯҳ шуда, ба онҳо эрод рафта, ки "адабиёти классикиро нисбатан кам меомӯзанд, ба мавзӯъҳои рӯзмарра чандон даст намезананд" [4,с.26-27].

Мусоҳибаи "Бигӯям шеър дар тақлиди дарё..." аз рӯйи хоҳиши ҳаводорону ихлосмандони шеъри шоир, донишҷӯёни донишгоҳҳои олӣ ва миёнаи махсус таҳия шуда, дар он роҷеъ ба лабораторияи кори эҷодии шоир сухан рафтааст. Шоир аз илҳоми шоирӣ ҳарф мезанад ва мегӯяд, ки "ҳолати илҳом маро ба ларза меорад, саропоям месӯзад, калимаҳо пешу қафо ба сарам мушт мезананд, ангӯштонам меларзанд, тамоми калимаву ибораву ифодаҳои "нозпарварам" сари забон меоянд, дар мағзам даъвои навбат мекунанд, шабаҳи образҳо дар фазои хонаам пар мезананд, набзам тунд метапад, дилам аз ҳолати муътадил берун мешавад... Ман дар ин ҳолат танҳоям, аммо чунон ҳис мекунам, ки бо ҳама дунёям..." [4, 34-25].

Яке аз паҳлӯҳои намоёни андешаҳои Л. Шералӣ дар мусоҳибаҳояш шинохти воқеии адабиёт аз ҷониби аҳли замона ва амиқрафти фаҳмиши ҳамзамонон дар бораи адабиёти воқеӣ ва ҳунари асил мебошад. Ин аст, ки Л. Шералӣ ва андешамандони дигари замон хусусияти асосии адабиёт ва шеърро дар "пурқувват шудани бунёди воқеӣ ва ҳаётӣ"-и он донистаанд. Аз мисолҳои фаровони таърихи адабиёти навини тоҷик дар асри XX комилан равшан аст, ки дар фазои адабии то солҳои 60-ум асосан "шеърҳои бебунёд ва хулосавию тавсифӣ" ривоҷ ёфта буданд. Албатта баъзе намунаҳои он дар солҳои баъдӣ, пас аз фаро расидани солҳои дигаргунии сифатӣ дар адабиёти солҳои 60-80-ум низ боқӣ монда буданд. Аммо "инқилоби шеър" дар ин солҳо, хоса ба майдони адабиёти тоҷик ворид шудани қувваҳои нави эҷодӣ, устодони шеър ва ҳунари асил М. Қаноат, Б. Собир, Л. Шералӣ, Г. Сафиева, Ҳ. Файзулло, М. Шералӣ ва дигарон фазои адабиётро тамоман дигар кард.

Дар мусоҳибаи "Ҳамосаи шеър" шоир бунёди шеърро аз ғаму шодӣ дониста ва он даъвогарони шеърро ҳадафи интиқод қарор додааст, ки "алифбои шоириро надониста, даъвои шоирӣ мекунанд, дар сари як қадаҳ май дигаронро наҳ мезананд, болотар аз устод дӯкон сохтан мехоҳанд, бехабар аз он ки адабиёти сеҳазорсолаи тоҷик ба чунин заифакони сухан эҳтиёҷ надорад".

Суханвари маъруф Владимир Маяковский, Сергей Есенин, Александр Твардовский, Абулқосим Лоҳутӣ, Ярослав Смеляков, Расул Ғамзатов, Евгений Евтушенко, Мирзо Турсунзода, Пабло Неруда, Олҷас Сулаймонов, Нозим Ҳикмат, Уолт Уитмен, Нодир Нодирпур, Фурӯғи Фаррухзод, Сулаймон Лоиқро аз бузургони назми муосир медонад. Ӯ олимонеро танқид карда, ки "то ҳанӯз рӯзгору осори Фирдавсӣ, Ҳофиз, Соиб, Мавлавӣ, Бедилро он соне, ки дил мехоҳад, наомӯхтаанд. Адабиёти классикии мо ба дараҷаи ҳасадангез шоирони соҳибдевон дошт. Мо дар бораи онҳо чӣ медонем? То ҳанӯз дар мо сабкшиносӣ нест. Сабки хуросонӣ, ҳиндӣ, ироқӣ чист? Бисёр олимони мо дар мавзӯъҳои резаву осон рисолаҳо навиштаанду ба мавзӯъҳои асосӣ касе даст намезанад. Ҷилди даҳуми "Шоҳнома", ки бояд "Луғати Шоҳнома" мешуд, то ҳанӯз чоп нашудааст" [4,с.57].

Сухансанҷи муосир эҷоди шеъреро лозим медонист, ки одамонро ҳушёртар, бедортар ва зеботар намояд. Бо шеър бояд одамро ба худаш шиносонид, ӯро дар рӯ ба рӯи худаш қарор дод, ботинашро дар ойинаи тасвир бояд нишон дод.

Андешаи Л. Шералӣ аз хусуси ҳастии жанрҳои шеъри суннатӣ ҷолиби диққатанд. Дар ҳоле ки бархе дар мавриди ғазал ақидаи ғайримунсифона доштанд (Ғаффор Мирзо), Л. Шералӣ чун А. Афсаҳзод ва А. Абдуллоев ("Гуноҳи жанр чист?") ва дигарон барои исботи ҷовидонии ин жанр раъй дода буд: "Ғазал шиносномаи таърихи фарҳанг, фалсафа, илму фунун ва ҷаҳони ҳасту нести мардуми форсу тоҷик аст. Ҳар кӣ алайҳи ин навъи шеъри қаламрави тамаддуни форсии тоҷикӣ нуктае биронад, сазовори сангсор аст. Ғазал дар зоти худ маншаи исёнгарӣ, инқилобгарӣ ва созандагию барафрозандагӣ доштааст, ҳарчанд инқилоби иҷтимоӣ маҳз аз ғазал сурат нагирифтааст, аммо инқилоби маънавӣ, равонӣ ва рӯҳонӣ аз ӯ сарчашма мегирад... Онҳое, ки бар ғазал хӯрда мегиранд, бояд як нуктаро дақиқ кунанд, ки ғазал гунаҳгор аст ё ғазалсаро? Ғазали Ҳофиз, Саъдӣ, Мавлавии Балхӣ, Соиб, Калим, Ғании Кашмирӣ, Сайидо, Шоҳин ва мисли онҳо инқилобӣ буд, ҳарчанд мисли шеъри Иқбол таъбири мукаррари "Инқилоб" надошт..." [4,с.73].

Л. Шералӣ ба танқиди "ғазали тақлидӣ" низ камар баста буд: "Дар замони мо ҳам баъд аз устод Лоҳутию Турсунзода ғазал аввал мизони ҳунарро аз даст дод ва пас он гоҳо "арзонак" шуд, яъне, ки каме бори иҷтимоияшро аз дӯш афканд ва бори "худнамоии қофияҷанг"-ро ба дӯш гирифт". Ӯ аз ғазали классикӣ забон, саноати шеърӣ, зарфияти сухан, қофиябандӣ, радифсозӣ, мантиқ, таносуби сухан, кӯтаҳбаёнӣ, маъниофарӣ ва ғайра омӯхтааст. Бо ин ҳама худро "ғазалгӯи қодирсухан" нахондааст. Баръакс мегӯяд, ки "агар ба дасти худ ғазалҳоямро сара кунам, шояд чанд ғазале беш бароям писанд наояд, ҳатто шояд аз баъзе ғазалҳо байте боқӣ намонад..." [4,с.74]. Ин гуна назар ба шеъри худ дар таҷрибаҳои кори шоирӣ зиёд ба чашм мерасад. Аз ҷумла, Б. Собир низ

ба шеъри худ чунин назарро раво дида, аз байни ашъори чандсолааш танҳо 72 ё 73 шеърро маҳсули хуб дониста, боқимондаи онро барканор кардааст. Ин маънӣ чунин баён шудааст: "Шоире, ки аз шеъраш қонеъ бошад, вай шоир нест. Ҳар як шоир орзу мекунад, ки то охири умраш шеъри хуб бигӯяд. Ва ман ҳам... аз он чи ки гуфтам, то ҳол розӣ нестам. Шеърҳое, ки гуфтаам, аз бисёраш пушаймон ҳастам" [4,с.221]. Ин амр ба таъбири шоир "саракориҳоро бо озмуни таърих" вогузоштан аст.

"Шамъ агар оташ набинад" мусоҳибаи хабарнигори ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат" Ҳасан Муҳаммадиев бо Л. Шералист, ки ба арзёбии мӯҳтавои маҷаллаи "Садои Шарқ" бахшида шудааст. Дар ин мусоҳиба маҷаллаи мазкур ба сифати ягона нашрияи адабӣ арзёбӣ шудааст, ки "ба саҳифаҳои торики таърихи адабиётамон метавонад равшанӣ андозад. Чунин саҳифаҳо дар ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Ғанӣ Абдулло, Пирмуҳаммадзода Деҳотӣ, хусусан адабиёти тоҷик дар ибтидои асри бист, солҳои бистуму сиюм кам нестанд" [4,с.99].

Ин мусоҳиба дар роҳи дарки назари нав ба таърихи адабиёти давраи шӯравии тоҷик хеле муҳим аст, ки аз талаботи даврони бозсозӣ бармеояд. Дар он маромномаи маҷаллаи "Садои Шарқ" дар муаррифии рӯзгори шӯравӣ ва равандҳои адабиёти шӯравии тоҷик аз диди нав, зиндагинома ва саҳифаҳои норавшани доғи ҳаёти адибону олимон ва сиёсатмадорони тоҷик оварда шудааст. Л. Шералӣ бо дарку бозгӯи ниёзи маънавии замон навиштааст, ки "боз кардани саҳифаҳои торик ва ё сиёҳи таърихи адабиёт ва ҷамъият аз талабҳои даврони бозсозист. Хонандагон аз рӯзгори мураккаби Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Фитрат, Ҳамдӣ, Садриддин Айнӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Пирмуҳаммадзода, Рашид Абдулло, Ғанӣ Абдулло, Ҳаким Карим, Раҳим Ҳошим барин саромадони маданияти нави тоҷик хабар доранд. Баъзеи онҳо дар фоҷиаи соли 1937 ва муборизаи байни идеологияи наву кӯҳна маҳкум шудаанд. Вале хонанда ба тарзи саҳеҳ намедонад, ки онҳо чӣ тавр, чаро маҳкум шудаанд, гуноҳашон чист, зеро сарнавишти рӯзгори онҳо бояду шояд таҳқиқ нашудааст. Бинобар ҳамин маҷаллаи "Садои Шарқ" боби наве бо номи "Тазкираҳои адабиёти солҳои 20-30-юм" мекушояд. Дар бораи адибони номбурда ва ходимони партия – Чинор Имомов, Шириншо Шотемур, Абдуқодир Муҳиддинов, Абдулло Раҳимбоев ва амсоли инҳо очерку ёддоштҳо ба табъ мерасонад. Дар асоси ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва шаҳодатномаи ҳамкорону ҳамнаслон тарҷумаи ҳол ва фаъолияти эҷодию иҷтимоии онҳо барқарор хоҳад шуд. Дар ин кори бахайри бозсозии ҳақиқати таърихӣ бояд, ки муаррихон ва зиёиёни шоҳиди он солҳо ба мо ёрии амалӣ бирсонанд. Зиёда аз ин, ният дорем дар бораи қисмати Пӯлод Толис, солҳои охирини умри Ҷумъа Одина ва қисмати романи ӯ "Гузашти айём" мақола ё очерк чоп кунем, ки низ бе ёрии адабиётшиносон имконнопазир аст" [4,с.99-100].

Чунин меъёри шинохти таърихи адабиёт аслан аз ҷусторҳои адабиву илмии ин солҳо сарчашма мегирад, ки ба масъалаи таҷдиди назар дар таҳқиқи таърихи адабиёти асри XX иртибот дорад. Дар ин мусоҳиба худи танқиди адабӣ интиқод шуда, муаллиф вазъи жанри тақризро нохуб донистааст. Аз он ки "олимони баркамол тақризро (жанри ҷанговари танқид) кори каммаҳсулу дувумдараҷа" ҳисобидаанд, Л. Шералӣ дар назди танқиди адабӣ вазифа гузошта, ки "ин ҷараёни номатлубро ҳамаҷониба таҳлил карда, зарари моддӣ, маънавӣ, эстетикии онро фош ва маҳкум намояд. Дар ин бобат ҳанӯз рӯбинӣ, мулоҳизакорӣ ва бечуръатӣ ҳукмфармост. Тақризҳои пурмазмуни илмӣ ва таҳлилӣ дар адабиётшиносии мо хеле каманд. Ҷавонон тақризҳои тезутунд навишта наметавонанд, таҷрибадорон аз баҳсу мунозира худро ба канор мегиранд ва "беҷанҷол" зистанро пеша мекунанд, чунин мавқеи танқид адабиётро пеш бурда наметавонад" [4,с.104].

Мусоҳибаи Азиз Сангин "Боз як соли ғаму шодӣ гузашт…" (1989) низ ба масъалаҳои бозсозӣ ва диди тозаи адабӣ ихтисос дорад. Бино ба андешаи Л. Шералӣ се соли бозсозӣ аз назари сиёсӣ ва иҷтимоӣ "пурҷустуҷӯ ва пурғунҷоиш" буд, фазои зиндагии иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавии мардуми шӯравӣ фароху тоза гардид. "Мардум дар таърих, дар масири замон як навъ барои худ, барои фаъолияти иҷтимоии худ ҷойи муайяне, мақоми дилхоҳе пайдо карданд. Садои онҳо, садои виҷдону имони онҳо, фарёди дилу рӯҳи онҳо аз поён ба боло расид, ки дар солҳои вомондагӣ имконнопазир буд" [4,с.107].

Л. Шералӣ ба ин ҳаводиси муҳимми таърихӣ аз диди шоирӣ нигариста, ақида дорад, ки "шеър бояд таҷассуми фишурда, пуробуранг ва образноки ин ҳодисаҳо бошад. Дар ин ҳолат шоир бояд ин ҳама ҳаводисро бо натиҷаҳои ниҳоие, ки нақд дар рӯи даст ҳаст, нақд дар рӯи дастархони мардум ҳаст, нақд дар мағозаҳову дӯконҳо ҳаст, дида тавонад".

Муҳовараи "Замони шеъргӯӣ нест…" дар замони истиқлоли миллӣ таҳия шуда, аз мусоҳибаҳои охири умри шоир аст, ки баъди пошхӯрди Иттиҳоди Шӯравӣ нукоти адабиро дар

бар мегирад. Дар он масъалаҳои муҳоҷирати адибон дар адабиёт, ҳиҷрати адибони истиқлол вобаста ба ҷанги шаҳрвандии тоҷикон ва нуктаҳои дигар матраҳ шудаанд.

Дар мусоҳибаи Ҳокими Азиз "Мову ту дар шоирӣ ҷон медиҳем..." ин суханони М. Турсунзода дар меҳвари гуфтугӯ ҷой дорад: "Шоирони бузург шеъри хубашонро дар гӯр мегӯянд". Дар он "шеъри явмия", шеъри рӯз, шеъри ҳолат танқид ва шеъри асил муқобили он гузошта шудааст. "Шеъри асил шеъри ҳолати инсон аст, шеъри ишқ аст, қисмати олам. Қисмати одам дар олам аст. Пахта, иди Октябр, Май, Инқилоб, ягонтояш мавзӯи шеър нестанд. Ман ҳам гуфтам, лекин пушаймонам. Масалан, устодон Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода дар бораи Инқилоб шеър гуфтанд, ман ҳам шеър дорам. Ин шеърҳо баробари мурдани Инқилоб мурданд…"[4,с. 222].

Ҷои дигар оид ба ҳавсалаҳои шеърфаҳмии устодони воқеии шеъри муосир ва раванди ислоҳу такмили шеър аз ҷониби онон сухан рондааст, ки "Турсунзода (шеърро – Б. Р.) мехонданд, хуб ё бад мегуфтанд. Аммо резакориҳое, ки дар шеър ҳаст, аз қабили як ҳиҷо кам, арӯз хароб, қофия хароб, ин корро устод Мӯъмин Қаноат дуруст месохт" [4,с.222].

Аз мусоҳибаҳои Л. Шералӣ матолиби зерро метавон равшан кард:

1. Дар баҳо додан ба асари адиб вобаста ба замони эҷоди он бояд муносибат кард. Аз ин ҷиҳат муқаддимаи Алиризои Қазва ба ашъори шоирони тоҷик дар Эрон "Хуршедҳои гумшуда" интиқод шудааст. Л. Шералӣ мӯътақид аст, ки "шеъри моро дар муҳити худаш бояд шинохт. Агар дар муҳити Нимо Юшиҷ, Маликушшуаро Баҳор, Ишқӣ, Орифи Қазвинӣ, Эраҷ Мирзо бисанҷед, воқеан тафриқаи зиёд дорад" [4,с.225-226]. Баҳс перомуни ин китоби А. Қазва ва мақолаҳо дар ҷонибдорӣ ё интиқоди он дар китоби Субҳони Аъзамзод "Адабиёт ва маърифати нақд" фароҳам омадааст.

2. Ба дурустиву боадолатона пазируфта тавонистани танқиди илмии адабиётшиносӣ аз ҷониби адиб. Дар ин маврид метавон хулоса кард, ки Л. Шералӣ ба танқид некбин буда, интиқоди эҷоди адабии худро чунин хушбинона шарҳ додааст: "Ҳама танқидҳо дуруст буданд, хусусан дар солҳои ҷавонӣ. Он вақт аз ҷиҳати ғоя танқид мекарданд. Як шеър агар дар бораи зодгоҳатон гӯед, мегуфтанд, ки маҳалпарастӣ кард. Охир Ҳофиз Шерозро ин қадар таъриф кардааст, магар ӯ маҳалпараст буд? Ҷое, ки хуни ноф рехтааст, аз дигар ҷо зиёдтар маҳбубият дорад барои инсон. Аз назари қофияву вазн ҳам танқид мекарданд дуруст буд. Дар вазни арӯз, дар илми балоғат тамоми шоирони бузурги мо ғалат мекунанд…" [4,с.230].

3. Муайян кардани вазифаи шоир дар муқобили танқид. Аз диди шоир вазифаи адиб ҷавоб додан ба танқид нест. Л. Шералӣ дар баҳси худ бо шоир Қутбӣ Киром чунин навиштааст: "Танҳо ба Қутбӣ Киром ҷавоб гуфтам. Агар навиштааш оҳанги таҳқиромез намедошт, ҷавоб намедодам, чунки ман он касро додо мегуфтам ва он кас маро писарам мегуфтанд. Дар масъалаи забон ҷавоб мегуфтам, чунки ягон калимаро надониста истифода намекардам» [4,с.230-231]..

4. Аз пешрафт бенасиб будани шеъри нав, шеъри сафед. Гарчанде Л. Шералӣ дар эҷоди бадеии худ ягон-ягон ба офаридани шеъри сафед даст дошта, аммо ба бовари ӯ ин навъи шеър "дар адабиёти мо пешравӣ надорад". Ба пиндошти ӯ он "дар муҳити мо реша нахоҳад давонд, зеро ки ҳазор сол бо арӯз хоки мо бардошта шуд. Ин шеър дар хотир намемонад, аз ёд карданаш вазнин, дувум ин ки бо мусиқӣ хонда намешавад. Мусиқии мо бо арӯз як аст. Назари ман ин аст, ки шеъри сафед шоирро бебанду бол мекунад [4,с.231].". Аз ин андешаҳо бо диду махсусияти муносибат ба шеъри сапед дар замони нав ошно мешавем...

Дар маҷмӯъ, доир ба перомуни мусоҳибаҳои устодони сухан ва ноқидони адаб ба ҷиҳатҳои мухталифи парвариши сухан дар дилу шуури сухансанҷон ошно мешавем. Масъалаи адабиёт дар ин гуна суҳбатҳо хеле хонданӣ, шавқовар, сабақангез, дар сатҳи баланди илмӣ, фарҳанги волои муошират, ҳатто дар либоси баҳсу мунозираи завқии ду суханвар ба расми интиқодӣ баррасӣ шудаанд. Бо як назари ҷиддӣ аз он нуктаҳои ноён ва номакшуф чун санади бебаҳо метавон дарёфт.

Дар сӯҳбатҳои Лоиқ даҳҳо масъалаи ҳаётан муҳими адабиёт ва танқиди адабӣ фароҳам омадааст, ки барои баровардани хулосаи саҳеҳ аз дунёи воқеии адаб, оламы ботинии рангини суханвар, дарёфти посух оид ба масоили мухталифи ҳаёти адабӣ, шинохтани коргоҳи эҷоди бадеӣ, шеваҳои нақд ва интиқод дар сӯҳбатҳои хоси адабӣ ва ғайра арзишманд аст.

## ПАЙНАВИШТ:

1. Абдуллоҳ, С. Рӯшаноии сухан/С.Абдуллоҳ. –Душанбе: Бухоро, 2015.– 352 с.
2. Ғаффоров, У. Лоиқ Шералӣ: Нашри нав бо таҳриру иловаҳо / У. Ғаффоров.–Душанбе: Адиб, 2012.–514 с.

3. Давронов, А. Нақди адабӣ ва равандҳои адабиёт (Маҷмӯаи мақолаҳо) / А. Давронов.–Душанбе: Шаҳпар, 2012.–260 с.
4. Лоиқ. Дар сӯҳбати Лоиқ: Маҷмӯаи мусоҳиба ва муколамаҳои Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ ба 80-умин солгарди зодрӯзаш / Мураттиб Б. Раҷабов – Хуҷанд: Ношир, 2021.–252с
5. Раҷабов, Б. Мусоҳибаҳои адабӣ ва арзиши он дар шинохти афкори суханварон (Дар мисоли мусоҳибаи мунаққид Аскар Ҳаким бо шоир Лоиқ Шералӣ)/Б.Раҷабов//Номаи донишгоҳ.Силсилаи илмҳои гуманитарӣ-ҷомеашиносӣ. - 2014. - №3 (40).- С. 68-77.
6. Табаров, С. Асосҳои назариявии танқиди адабӣ. Қисми севум / С. Табаров.–Душанбе, 1999.–240 с.

**REFERENCES:**

1. Abdulloh, S. Shade of speech / S.Abdullah. –Dushanbe: Bukhara, 2015.– 352 p.
2. Gafforov, U. Loiq Sherali: new edition with edits and additions / U. Gafforov. – Dushanbe: Man-of-Letters, 2012. – 514 p.
3. Davronov, A. Literary criticism and literary processes (collection of articles) / A. Davronov. – Dushanbe: Shahpar, 2012. – 260 p.
4. Loik. In conversation with Loiq: collection of interviews and dialogues of the People`s poet of Tajikistan Loiq Sherali on the occasion of his 80-th birthday / Compiled by B. Rajabov - Khujand: Publisher, 2021. – 252 p
5. Rajabov, B. Literary interviews and their value in recognition of views of speakers (on the example of interview of critic Askar Hakim with Loiq Sherali) /B.Rajabov // Scientific Note of KhSU named after acad. B.Gafurov.Series of humanities and sociology. - 2014. - №3 (40) .- P. 68-77.
6. Tabarov, S. Theoretical foundations of literary criticism. The third part / S. Tabarov. – Dushanbe, 1999. – 240 p.